**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № _________**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20-уми июни соли 2023, таҳти №37 дар бораи сазовор донистани Қодирзода Мирзоқодир Аюб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат санаи 25 январи соли 2023, суратмаҷлиси №20 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Мирзоқодир Аюб санаи 20-уми майи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст. Аз соли 2013 то соли 2022 дар вазифаҳои гуногуни вазорату идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ фаъолияти меҳнатӣ намудааст. Аз соли 2022 то инҷониб дар вазифаи проректор оид ба корҳои илми Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Солҳои 2018-2021 унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва аз 2021 то инҷониб унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мавзуи диссертатсия – «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар ҷаласаи Шурои илмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.05.2021, №2 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба экспертиза тавсия шудааст (аз санаи 28.09.2022, суратмаҷлиси №2).

Ҳамзамон, диссертатсия дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 10-уми декабри соли 2022 муҳокима гардида, ба Шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Мансурзода Амиршоҳ Мансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Қодирзода М.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуъ ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 13 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 7 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Кодиров, М.А. Правовая природа экологической функции государства: вопросы теории [Текст] / М.А. Кодиров // Вестник ТГУПБП (научно-теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2019. – № 2(79). – С. 92-98. (0,37 ҷ.ч.). – ISSN 2411-1945.

[2–М]. Қодирзода, М.А. Баъзе масъалаҳои назариявии моҳияти функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 4(40). – С. 96-101. (0,62 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[3–М]. Кодирзода, М.А. Взаимодействие развития понятия «экологическая функция государства» и науки экологического права [Текст] / М.А. Кодирзода // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2021. – № 1(86). – С. 96-103. (0,43 ҷ.ч.). – ISSN 2411-1945.

[4–М]. Кодирзода, М.А. Защита окружающей среды как основа реализации экологической функции Республики Таджикистан [Текст] / М.А. Кодирзода, Дж. А. Акбарализода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (научный журнал). – Душанбе, 2021. – №1(49). – С. 84-89. (0,62 ҷ.ч.). – ISSN 2412-141X.

[5–М]. Қодирзода, М.А. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист [Матн] / М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 1(41). – С. 90-96. (0,75 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[6–М]. Қодирзода, М.А. Муқовимат бо коррупсия дар амалишавии функсияи экологии давлат: ҷанбаҳои экологӣ-ҳуқуқии он [Матн] / М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 2(42). – С. 8-13. (0,62 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[7–М]. Қодирзода, М.А. Таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат [Матн] / А.Д. Ғафурзода, М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 3(43). – С. 13-18. (0,62 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[8–М]. Қодирзода, М.А. Дастрасӣ ба иттилооти экологӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3(52). – С. 162-172. (0,62 ҷ.ч.). – ISSN 2664-0651.

[9–М]. Қодирзода, М.А. Нақши функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти экологӣ [Матн] / М.А. Қодирзода // Осори Академияи ВКД. – 2021. – № 3(51). – С. 115-123. (1 ҷ.ч.). – ISSN 2412-141Х.

[10–М]. Кодирзода, М.А. Некоторые проблемы экологической функции государства [Текст] / М.А. Кодирзода // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2021. – № 4 (89). – С. 114-121. (0,43 ҷ.ч.). – ISSN 2411-1945.

[11–М]. Қодирзода, М.А. Баъзе масъалаҳои доктриналии функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 1(45). – С. 15-19. (0,5 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[12–М]. Қодирзода М.А. Нақши экологикунонии қонунгузорӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат [Матн] / А.Д. Ғафурзода, М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 2(46). – С. 7-11. (0,5 ҷ.ч.). – ISSN 2410-2903.

[13–М]. Қодирзода М.А. Масоили амалишавии функсияи экологии давлат: назария ва қонунгузорӣ [Матн] / М.А. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4(28). – С. 31-37. (0,37 ҷ.ч.). – ISSN 2414-9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[14–М]. Қодиров, М.А. Асосҳои ҳуқуқии функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодиров // Маводи Форуми II-юми ҳуқуқшиносони ҷавон / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018. – С. 12-15. (0,5 ҷ.ч.).

[15–М]. Қодиров, М.А. Моҳияти ҳуқуқии функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» – Хуҷанд: «Ношир», 2019. – С. 329-331. (0,37 ҷ.ч.).

[16–М]. Қодиров, М.А. Нақши ҳуқуқи байналмилалии экологӣ дар замони муосир [Матн] / М.А. Қодиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии олимони ҷавони вилояти Суғд, 24.12.2018 сол, «Механизмҳои муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд: масъалаҳо ва дурнамои он» – Хуҷанд: «Дабир», 2019. – С. 26-30. (0,5 ҷ.ч.).

[17–М]. Қодирзода, М.А. Таъмини ташкилӣ-ҳуқуқӣ амалишавии функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ [Матн] / М.А. Қодирзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити мураккабшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар ҷолишҳои асри XXI». – Душанбе: Чопхонаи АИДНПҶТ, 2020. – С. 198-207. (1,1 ҷ.ч.).

[18–М]. Қодирзода, М.А. Баъзе масъалаҳо оид ба инкишофи функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбаризода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии онлайнӣ таҳти унвони «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он» – Душанбе: Чопхонаи АИДНПҶТ, 2021. – С. 69-76. (0,87 ҷ.ч.).

[19–М]. Қодирзода, М.А. Функсияи экологӣ дар давраи Зардуштӣ ва давлатдории Сомониён: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии он [Матн] / М.А. Қодирзода // «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития»: IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15-16 октября 2021 г.). – С. 22-26. (0,5 ҷ.ч.).

[20–М]. Кодирзода, М.А. Роль посланий Президента Республики Таджикистан в реализации функциональных целей государства в области охраны окружающей среды [Текст] / М.А. Кодирзода // IV Международная научно-практическая конференция «НАУКА и ТЕХНОЛОГИИ» – г. Алматы, Казахстан, 2022. – С. 22-27. (0,62 п.л.).

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Элназаров Д.Х.** – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. Муқарриз иброз намудаанд, ки «Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия тавре, ки ба назар мерасад, диссертант ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро зимни таҳия кам ба инобат гирифтааст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи экологӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд».

«Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки дар он Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ гардидаанд, риоя нагардидааст, муаллифро зарур аст, ки минбаъд ба ин паҳлуи масъала диққати асосӣ диҳад».

**Холиқзода А.Ғ.** – муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Муқарриз қайд намудаанд, ки «зимни таҳлили масъалаҳои марбут ба функсияи экологӣ, диссертант меъёрҳо ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбатан камтар ба инобат гирифтааст».

**Алиев Ф.Ш.** – мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Муқарриз иброз менамояд, ки «унвонҷӯ пешниҳод мекунад, ки «рафти таҳқиқи масоили таснифоти функсияи экологӣ собит менамояд, ки функсияи экологӣ ба дохилӣ, берунӣ ва минтақавӣ таснифбандӣ карда мешавад».

**Ҳаитов С.П.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Муқарриз иброз намудааст, ки «Муқоисаи илмии амалияи кишварҳои гуногун дар матни автореферат кам ба назар мерасад. Омӯзиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи дигар кишварҳо хизмат намояд».

**Бухориева С.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз иброз намудааст, ки «Дар саҳифаҳои 21-22 автореферат аз ҷониби унвонҷӯ маълумоти бештар роҷеъ ба зербоби сеюми боби якуми диссертатсия пешкаш нагардидааст».

«Унвонҷӯро мебоист доир ба раванди амалишавии меъёрҳои қонунгузории экологӣ ва механизмҳои ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххасро манзур менамуд».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои муқарризон баҳснок мебошанд ва аз мураккаб будани мавзуъ далолат мекунанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- муайян намудани асосҳои таърихии рушд ва эътироф гардидани функсияи экологии давлат дар байни низоми функсияҳои амалкунандаи давлатӣ;

- омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи мафҳуми функсияи экологии давлат бо такя ба доктринаҳои исботгардидаи назариявии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, дар муқоиса дақиқ намудани мазмуни функсияи экологии давлат дар мутобиқат бо меъёрҳои миллии амалкунандаи Тоҷикистон;

- таҳлили ҳамаҷониба ва муқаррар намудани вазифаҳои функсияи экологии дохилӣ ва берунии давлат;

- муайян намудани механизмҳои бартариятдоштаи баамалбарории функсияи экологии давлат дар замони ҳозира;

- баррасии масъалаи мавқеи функсияи экологии давлат дар байни дигар функсияҳои давлат;

- таҳлили нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба функсияи экологии давлат ва механизмҳои амалишавии он бахшида шудаанд, мусоидат намоянд;

– истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд;

– хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити мусир бадастомада, мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи экологӣ, механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ: диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Р.Ш. Шарофзода, С. Ҳасанов, Э.С. Насриддинзода, М.З. Раҳимзода, У.А. Азиззода, А.Д. Ғафурзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ҷ. Ҷабборов, М.М. Соҳибзода, Д.Қ. Иброҳимзода, С.Ш. Шарифзода, Ш.Х. Ҳафиззода, А.М. Архипов, Д.С. Велиева, Н.А. Карпович, А.Е. Кадомсева, В.В. Королева, Ю.Б. Кравченко, В.Н. Кузмин, М.М. Меркулов, В.С. Миронов, Р.Х. Гиззатулин, Б.А. Мухамеджанов, В.Е. Сизов, А.С. Шестерюк ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории экологии ҷумҳурӣ метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро истифода бурд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «назарияи давлат ва ҳуқуқ», «ҳуқуқи экологӣ», «ҳуқуқи замин» ва ғ., ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ истифода бурд;

– хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар раванди амалинамоии функсияи экологии давлат аҳаммияти муҳим доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди функсияи экологии давлат асос меёбанд.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-

амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми муосири амалигардонии функсияи экологии давлат пешниҳод гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 20-уми июни соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Қодирзода Мирзоқодир Аюб дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд 62 тасдиқ гардидааст, «13» нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз «13» нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ - «13» нафар, муқобил «нест», бюллетенҳои беэътибор «нест».

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.**

**20 июни соли 2023**